# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод мегардад.**

Мавзуи интихобкардаи диссертант Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» яке аз мавзуъҳои актуалӣ ва муҳим ба ҳисоб рафта дар низоми таҳсилот воридшавии тағйирот, ҷорӣ намудани ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияро дар бар мегирад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва миллати бофарҳанги тоҷик баҳри мустаҳкам намудани давлати соҳибистиқлоли демократӣ, ки дар рушду нумуи маданияти миллӣ ва умумибашарӣ қадамҳои устувор гузошта, ҷаҳд бар он дорад, ки Тоҷикистони азизамон дар радифи мамлакатҳои пешқадаму мутараққии дунё ҷойгир бошад. Албатта, муваффақиятҳои дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, иҷтимоиёт, саноат, илму фарҳанг, маориф, адабиёту санъат бадастомада ва ҳифзу муқаддасоти он, пеш аз ҳама, ба таълиму тарбия ва рушди ҷаҳони маънавию маърифатнокии ҳар як шаҳрванди тоҷику тоҷикистонӣ, алалхусус, наслҳои наврасу ҷавонон вобаста аст.

Аз ин рӯ, айни замон ба мо ниҳоят зарур аст, ки барои таълим додану тарбия намудан ва ба воя расонидани чунин шахсони ҳаматарафа инкишофёфта дар навбати аввал таъсир, нуфуз ва мавқеи тарбияро баланд бардошта, ба кори таълим, донишандӯзӣ ва тарбияи наслҳои наврас ҷиддан пайвандем.

Вобаста ба зарурати воқеӣ дар ин бахши таҳсилот, мавзӯи интихобкардаи Ёрматзода А.Ҷ. рӯзмара буда, рисолаи муфиде дар мавриди пажӯҳиши педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, мавзуеро, ки унвонҷӯ Ёрматзода Алишер Ҷолмат таҳти унвони «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» ба ҳайси кори илмӣ интихоб намудааст, ҳамаҷониба ҷолиби диққат ва қобили дастгирист.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи унвонҷӯ Ёрматзода Алишер Ҷолмат аз муқаддима, тавсияҳои умумии кор, ду боб, шаш зербобҳо, хулосаҳои умумӣ, натиҷаи асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба амалии натиҷаҳо, номгӯи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, 183 саҳифаро дар бар гирифтааст. Рӯйхати ададиёти истифодашуда ба 184 номгӯй баробар аст.

Дар ибтидои автореферати диссертатсияи мазкур муқаддима зарурияти мавзӯи таҳқиқот, тавсифи асосии дастгоҳ (аппарат)-и илмӣ, ҳадаф, объект, маврид, фарзия, вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва усулҳои таҳқиқот ба таври мушаххас муайян карда шуданд. Навгониҳои илмӣ, аҳамияту моҳияти назарӣ ва амалии таҳқиқот муяйян карда шуда, марҳилаҳои таҳқиқот, муқарраროти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва маълумот оид ба тасвиб ва тасдиқи натиҷаҳои кори озмоишӣ пешниҳод гардидааст.

Ҳамзамон унвонҷӯ дар таҳқиқи диссертатсионии худ чунин нуктаҳоро ба ҳимоя пешниҳод намудааст:

1. Мафҳуми худшиносӣ падидаи фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ буда, тарбия ва ташаккули он ҳамчун вазифаи муҳимми муассисаҳои таълимӣ дар ҳамкорӣ бо оила имконпазир аст.

2. Дар раванди тарбияи худшиносии хонандагон, омӯзгорон ва волидон аз осори мутафаккирони адабиёти тоҷику форс, маводҳои таълимии фаннӣ истифода намуда, дар бартараф кардани мушкилиҳо ҳамкорӣ менамоянд.

3. Амалӣ гардондани технологияи педагогии ҳамкории омӯзгорони МТМУ бо оила бо роҳи ташкилу баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ баҳри беҳтар гардидани сатҳу сифати худшиносии хонандагон мусоидат менамояд.

4. Тарбия ва ташаккули худшиносии хонандагон дар ягонагӣ бо фаъолияти таълимӣ тавассути корҳои тарбиявии беруназзинфӣ дар алоқамандӣ таъмин карда мешаванд.

Ҳамчунин натиҷаи асосии автореферати диссертатсия дар 33– номгӯи интишороти ба табъ расонидаи муаллиф инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 1- монграфия, 3 – то дастури методӣ ва дастури таълимӣ, 13– то мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида ташкил медиҳанд.

Хулоса таҳқиқоте, ки аз тарафи Ёрматзода Алишер Ҷолмат ба анҷом расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ, таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, дар баланд бардоштани таълиму тарбия ва рушди ҷаҳони маънавию маърифатнокии хонандагон ҳамчунин дар баланд бардори салоҳиятҳои ҳамкории падару модар бо муассисаҳои таълимӣ саҳмгузор мебошад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
ходими калони илмии Осорхонаи маорифи
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Абдулов Ҷамолиддин Мухрудинович

**Маълумот дар бораи тамос:** 734024. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов 11/2

Нозири кадрҳои
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Саидова М.

31.07.2025

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН * РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ